# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз руйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.

Дар мархалаи муосири рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таҳкики муаммоҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти омузгорони синфҳои ибтидоӣ диккати ҷиддӣ дода мешавад. Аҳамият пайдо кардани масъалаи омода намудани омузгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти ташкилию идоракунӣ бо манфиатҳои давлату ҷомеа алоқаманд мебошад, ки ба омӯзгорон барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат шароит фароҳам меоварад ва фаъолнокии ҷамъиятии онҳоро таъмин менамояд.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти мазкур дар шароити навсозии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, мубрам ва зарур мебошад.

Чуноне, ки дар диссертатсия таъкид карда мешавад, дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосир ва тамоми инсоният коркард ва татбиқи стратегияи самарабахши рушдӣ омодагии касбии омӯзгорони оянда аҳамияти махсус касб менамояд. Инсонгароёна ва демократӣ намудани таҳсилот, навсозии парадигма ва методологияи илми педагогӣ, дар амалия ҷорӣ намудани амсилаи нави таҳсилот, пешниҳоди интихоби густурдаи самтҳо ва сатҳҳои таълим, ҳамчунин низомҳои алтернативии фаъолияти идоракунии раванди таълиму тарбияро тақозо доранд. Зимни кор бо хонандагон идоракунии раванди ташаккули шахсияти онҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти касбии омӯзгор гардида, бешак, омодагии махсусро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими чунин омодагӣ ба донишҷӯён-омӯзгорони оянда омӯзонидани идоракунии фаъолияти созмондеҳии мактаббачагон, таълим додани асосҳои психологию педагогии ин фаъолият мебошад.

Дар ин замина, таҳқиқоти С.Ҳ.Мамадҷонов ба ғайр аз аҳамияти илмӣ боз арзиши мақсаднoки касбиро касб менамояд, ки дар назария ва амалияи раванди омода намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои амалӣ намудани фаъолияти созмондеҳии касбии педагогӣ дар мактаб ифода меёбад.

Дар ин асос қайд кардан мумкин аст, ки масъалаи интихобгардидаи

таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, муҳим ва асоснок мебошад.

Дар таҳкикоти С.Ҳ.Мамадҷонов мавҷудияти ихтилофҳои баррасишуда, зарурати мусоидати амаливу методӣ барои интихоби мавзуи кори диссертатсионӣ асос гардида, ба ин васила, тариқи шартҳо ва тактикаи махсуси педагогӣ дар ҳалли муаммоҳои омода намудани омӯзгорони ояндаи сингфҳои ибтидоӣ саҳми назаррас гузошта шудааст. Ин шартҳо ва тактика аз тарафи муаллиф бо назардошти стратегияҳои дастгирии педагогӣ, мусоидати ташкилии педагогӣ ва афзун намудани арзишҳо коркард шудаанд.

Ба сифати объекти таҳкикот муаллиф назария ва амалияи раванди фаъолияти таълимиву тарбиявии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ интихоб намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот (сах.7-8) пурра ба мавзӯи он мутобиқат доранд; фарзияи илмии таҳқиқот хадафи онро пурра инъикос менамояд (саҳ.8).

Сохтори кори диссертатсиониро бозгӯи мундариҷавии дастгоҳи илмӣ таъмин менамояд, ки бо методологияи мувофиқ, ҳамчунин доираи васеи сарчашмаҳо ва пойгоҳи озмоишӣ тақвият мeёбад.

Дар маҷмуъ, дастгоҳи илмии диссертатсия амиқ андешида шуда, ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ аст ва ягон эроди ҷиддиро ба миён намеорад.

Ба андешаи мукарриз дар таҳкиқоти С.Ҳ.Мамадҷонов як қатор ҷанбаҳоеро мукаррар намудан мумкин аст, ки аз лиҳози илмиву амалӣ ҷолиб буда, онҳоро навгонии кори диссертатсионӣ шуморидан мумкин аст:

- мундариҷаи фаъолияти умумии созмондеҳӣ бо назардошти донишҳои муосири илмӣ аниқ гардидааст;
- асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти созмондеҳӣ муайян шудаанд, аввалин бор худдастурдиҳӣ, интиқолӣ фикрию эҳсосӣ, худмақсадгузорӣ ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти умумии созмондеҳӣ, инчунин қобилияти хусусии созмондеҳӣ баррасӣ гардидаанд;
- таъсири мустақими фанҳои омӯхташавандаи психологию педагогӣ, хусусиятҳои протсессуалии фаъолияти таълимию педагогӣ ба раванди фаъолияти созмондеҳӣ дарёфт гардидаанд;
- шаклҳо ва методҳои мушаххаси худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён коркард шудаанд;
- курси махсус ва барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» коркард ва дар амалияи фаъолияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди

таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна татбиқ шудаанд.

Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявии рушди муаммои қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ» аз ҷониби унвонҷӯ дар заминаи омӯзиши адабиёти илмии муосир ва синтези матлабҳои назариявӣ таҳлили амиқи фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологию педагогии чунин падидаҳо, аз қабили "омӯзгори синфҳои ибтидоӣ", "салоҳиятнокии созмондеҳӣ", "қобилиятҳои созмондеҳӣ" анҷом ёфтаанд; фаъолияти созмондеҳии шахсият ҳамчун муаммои мубрами иҷтимоию педагогӣ баррасӣ гардидааст; асоси дидгоҳи аксиологӣ нисбат ба омӯзиши масъалаҳои инкишофи фаъолияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва мавқеи он дар низоми ташаккули шахсияти педагоги оянда тавсиф карда шудааст; ҷузъҳои сохторӣ ва механизми ташаккули фаъолияти созмондеҳии донишҷӯён муайян гардида, нақши худтарбиякунӣ дар раванди инкишофи қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар низоми кори таълимию тарбиявӣ ва рафти амалияи педагогӣ ошкор карда шудааст. Дар таҳқиқот мафҳуми фаъолияти созмондеҳӣ ҳамчун маҳорати ба роҳ мондани амали қавию дӯстонаи якҷоя, «шинохта тавонистани одамон», интихоб ва таъйин намудани онҳо, таъмини ягонагӣ, имкони васеи кори дӯстона ва ба мақсад мувофиқ дарвоқеъ муташаккилона ва муттафиқона баррасӣ мегардад.

Дар боби дуввум «Ҷанбаҳои озмоишии татбиқи технологияҳои педагогӣ оид ба рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» аз ҷониби диссертант С.Ҳ.Мамадҷонов ташкил, мундариҷа, технология ва натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба ин масъала инъикос гардида, зарурат ва имконпазир будани рушди қобилиятҳои созмондеҳӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявии донишгоҳ ва алалхусус дар давраи таҷрибаи педагогӣ асоснок шудаанд; тарҳи раванди рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти ташкилотчигии педагогӣ пешниҳод гардидаанд; дар заминаи таҳлил ва баҳодиҳии вазъи имрӯзаи инкишофи фаъолияти созмондеҳии донишҷӯён ҷузъи мундариҷавии раванди ташаккули қобилияти созмондеҳӣ дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ асоснок гардида, методика тавсиф ёфтааст ва натиҷаҳои ташаккул додани қобилияти созмондеҳӣ дар донишҷӯён зимни ҷалб намудани онҳо ба навъҳои гуногуни фаъолияти амалии педагогӣ арзёбӣ шудаанд, ифодаи зарурат ва тавсифи таҷрибаи худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда дар раванди таҷрибаомӯзии

педагогӣ тавзеҳ ёфтаанд.

Диссертант дар амалӣ намудани таъминоти дидактикӣ дидгоҳи ҷолибро дар заминаи муносибати инноватсионию фаъолмандона татбиқ намудааст, ки сифати омодашавии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро ба фаъолияти созмондеҳӣ дар раванди таҷрибаи педагогӣ таъмин менамояд.

Унвонҷӯ дар кори диссертатсионӣ шартҳои муҳимтарини муваффақияти ташкили фаъолияти назариявию амалии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ, рушди қобилиятҳои созмондеҳии онҳо ба сӯйи қуллаҳои салоҳиятнокии ташкилотчигиро таҳқиқ намудааст.

Дар ин қарина дар рисола ишора бар он шудааст, ки роҳбари методии таҷрибаомӯзии педагогӣ дар ташаккули муносибатҳои дурусти байни донишҷӯён ва хонандагон, бунёди иқлими хуби ахлоқию психологӣ дар низоми муносибатҳо, ташкили муоширати касбӣ ва ғайрирасмӣ дар коллективи хонандагон ҷиҳати бунёди фазои эҷодӣ, муоширати созгорӣ ҳам барои омӯзгорони оянда ва ҳам хонандагон муҳим нақши бузург дорад.

Таҳлили рисолаи мазкур нишон медиҳад, ки муҳаққиқ вазъи инкишофи қобилияти созмондеҳии донишҷӯёнро ошкор намуда, дар натиҷаи озмоиш муқаррар намудаст, ки ин қобилияти педагогӣ ба маънои томаш қобилияти созмондеҳӣ мебошад. Чуноне, ки муаллиф дар таҳқиқот нишон додааст, он якчанд сифатҳои зеринро дар бар мегирад: интихобкорӣ, самтгирии амалгароёнаи зеҳн, одоби педагогӣ, серғайратии ҷамъиятӣ, серталабӣ, нигоҳи танқидӣ, тамоюлу рағбат ба фаъолияти созмондеҳӣ). Дар рисола маводҳо оид ба ҳар як сифати зикршуда ва таносуби онҳо баррасӣ гардидааст.

Чуноне, ки дар раванди озмоиши муқарраркунанда амалӣ гардидааст, муҳаққиқ динамикаи дарки фаъолияти созмондеҳиро тариқи худбаҳодиҳии сифатҳои шахсият, ки дар маҷмӯъ муаммои таҳқиқшавандаро ташкил медиҳанд, муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот бо баҳои коршиносон (кураторҳо, роҳбарони синфҳо) пурра гардидааст, ки дар ин замина самтҳои инкишофи сифатҳои зикршуда ба таври амиқ ва равшан муқаррар карда шудааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти анҷомёфта ба коркарди дидгоҳҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии ҳалли муаммои омода намудани омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти созмондеҳӣ дар фазои таълимиву тарбиявӣ саҳми назаррас мегузорад.

Баррасӣ ва таҳлили диссертатсияи С.Ҳ.Мамадҷонов аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро намуда, ба

ҳадафи таҳқиқот ноил гардидааст.

Дар рафти кор диссертант фарзияи илмиро тасдиқ намуда, хулосаҳои арзишмандро, ки соҳиби навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, ба даст овардааст.

Боэътимодии натиҷаҳои ҳосилшуда бо мӯҳлати иҷрои таҳқиқот; бо истифодаи маҷмӯи методҳои муосири якдигарро пурракунандаи таҳқиқот (аз он ҷумла, методҳои омории коркарди маълумот), ки ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд; бо интихоби мувофиқи ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ; имконияти воқеии такрори озмоиш дар шароити амалияи таҳсилот таъмин гардидааст.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Дар диссертатсия баробари дастовардҳои назаррасии илмӣ, баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки таҷдиди назарро талаб мекунанд ва ислоҳи он барои боз ҳам ғанӣ гардидани мазмуни рисола мусоидат менамояд:

1. Ба андешаи мо, таваҷҷӯҳ ба ошкор намудани монеаҳои мавҷуда, ки ба ташаккули бомуваффақияти қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар фазои таълимиву маърифатии ҷумҳурӣ халал мерасонанд, бамаврид мебуд.

2. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ пойгоҳи таҳқиқотии худро васеътар намуда ба таҳлили он бештар эътибор медод.

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва услубӣ, ҳамчунин носаҳеҳии мантиқӣ зимни баёни баъзе ғояҳо ба назар мерасад.

Аммо норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, унвонҷӯ вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқотро иҷро кардааст. Хулосаҳо дар доираи вазифаҳо далелноку боварибахшанд, мундариҷаи кор бомантиқ ифода ёфта, муаллиф аз услуби илмӣ бархурдор мебошад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат ва интишороти унвонҷӯ пурра ифода ёфтаанд.

Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмию тахассусӣ дар мавзуи мубрам мебошад. Натиҷаҳои нави илмӣ, ки диссертант ба даст овардааст, барои илм ва амалияи педагогӣ, омодагии кадрҳои педагогӣ дар шароити навсозии таҳсилот дар ҷумҳурӣ аҳамияти назаррас доранд. Хулосаву тавсияҳои диссертант ба таври кофӣ асоснок мебошанд.

Кори диссертатсионии «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди

таҷрибаомӯзии педагогӣ» ба талаботи Низомнома «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷии
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Насриддинова Майсара Муйдиновна

30.08.2022с.

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел.: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj

Имзои М.М.Насриддиноваро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ-и ДИС ДДТТ — Маҳмудов Ш.У.